Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Мансурова Моҳчеҳра Абдусаломовна тахти унвони "Хусусиятҳои савтӣ ва луғавию фразеологии матни барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои "Тоҷикистон"" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10. 02. 01 – Забони тоҷикӣ

Хушбахтона, замони соҳибистиқлолии кишварамон барои рушди тамоми соҳаҳо шароитҳои мусоид фароҳам овардааст. Соҳиби мақоми давлатӣ гардидани забони тоҷикӣ яке аз чунин музаффариятҳоест, ки бо ташаббуси фарҳангпарваронаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон насиби мардуми тоҷик гардидааст. Маҳз дар ҳамин давра дар тамоми ташкилоту муассисаҳо риояи қоидаҳои меъёри забони адабӣ беназир ба мушоҳида мерасад.

Кори илмии баанҷомрасонидаи Мансурова Моҳчеҳра Абдусаломовна ба яке аз паҳлӯҳои марбут ба гуфтаҳои зикргардида, яъне таҳқиқи хусусиятҳои савтӣ ва луғавию фразеологии барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои "Тоҷикистон" бахшида шудааст, ки дар ҳақиқат актуалӣ ва дорои аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад, зеро ВАО, аз ҷумла радио, инъикоскунандаи ҳаёти ҳаррӯзаи ҷомеа ба шумор меравад.

Чунон ки аз мутолиаи автореферат бармеояд, диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳрасти адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар муқаддима тавсифи умумии кор, мубрамият, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, навгониҳои илмии таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ дар робита бо матнҳои барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои зикргардида дарҷ гардидааст.

Боби якуми диссертатсия "Барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои "Тоҷикистон" ва хусусиятҳои савтии он" ном гирифта, аз ду фасл иборат мебошад. Дар ин фаслҳо муҳаққиқ аз таърихи ташаккули барномаҳо ёдовар шуда, онро ба панҷ давра гурӯҳбандӣ шудааст. Инчунин, дар ҳамин боб хусусиятҳои савтии барномаҳои фарҳангию фароғатӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Муҳаққиқ дар ҳамин боб ба масъалаҳои фонетикии забон, аз ҷумла, талаффузи садонок ва ҳамсадоҳо дахл намуда, ду мавриди истифодаи фонемаҳоро дар ду ҳолат таҳлилу баррасӣ менамояд. Ҳодисаҳои фонетикӣ, аз қабили монандшавӣ, афтиши овозҳо, тағйироти гуногуни таркиби овозии калимаҳо бо овардани далелҳои мушаххас таъкид мегардад.

Боби дуюми диссертатсия ба мавзуи "Хусусиятҳои услубии воҳидҳои луғавӣ ва фразеологӣ дар барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои "Тоҷикистон" бахшида мешавад. Дар ҳамин боб муҳаққиқ ба мавқеъ ва истифодаи калимаҳои аслан тоҷикӣ ва иктибосӣ рӯ оварда, онро аз нигоҳи услуб таҳқиқ намудааст. Ба ақидаи муаллиф, ҳоло ҳам дар барномаҳои радио калимаҳои зиёди иктибосӣ, аз қабили **экскурсия, турист, менеҷмент,**

курс, факултет ва ғайраҳо садо медиҳанд, ки аксарияти онҳо дар тамоми сайёра ҳамчун вожаҳои байналмилалӣ эътироф гардидаанд.

Дар ҳамин боб аз ҷониби муҳаққиқ хусусиятҳои услубии воҳидҳои фразеологӣ ва калимаҳои таърихӣ, ки дар барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои мазкур пахш мегарданд, ёдовар гардида, қолабҳои дурусту нодурусти онҳоро бо овардани далелҳо аз осори безаволи устод Айнӣ ва дигар бузургон исбот менамояд.

Боби сеюми диссератсия "Категорияҳои семантикӣ дар матни барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои "Тоҷикистон"" унвон дошта, се фаслро дар бар мегирад.

Дар ин боб калимаҳои сермаъно дар матни барномаҳо, хусусиятҳои услубии муродифот, мавқеи калимаҳои муқобилмаъно вобаста ба барномаҳои радиои мазкур ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст, ки ниҳоят диққатҷалбкунанда мебошад.

Аз ҷумла, фасли сеюми ҳамин боб дорои аҳаммияти муҳимми омӯзишӣ мебошад, зеро дар он мисолҳои фаровоне вобаста ба вожаҳои муқобилмаъно гирдоварӣ шудааст. Аз қабили **дарду шодӣ, хушбахтиву нокомӣ, тавониву нотавонӣ, мурда-мурда боз зиндагӣ кардан** ва ғ.

Дар хулоса натиҷаҳои илмиву амалии муҳаққиқ дар 13 банд ҷамъбаст гардидааст. Ҳамзамон, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар панҷ банд натиҷагирӣ шудааст.

Дар ҳақиқат, корбурди воситаҳои муассири нутқ дар барномаҳои радио, хосса барномаҳои фарҳангиву фароғатӣ, ки ҳаводорони зиёде доранд, ниҳоят зарур аст. Ҳангоми истифодаи ин воситаҳо рӯзноманигорон бояд ҷиддӣ ва боэҳтиёт бошанд, зеро нутқи онҳо ба гӯши шунаванда бо як меҳру муҳаббат ворид мегардад ва онҳо танҳо он наттоқеро гӯш мекунанд, ки, дар ҳақиқат, қобилияти баланди дуруст ҳарф задан ва овози гӯшнавоз дошта бошад.

Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки муаллифи диссертатсия мақсаду вазифаҳои дар пеш гузоштаашро пурра иҷро кардааст, як кори пурра ва пухтаи илмиро пешниҳод намудааст, ки ба талаботи корҳои диссертатсионӣ пурра муносиб ва мувофиқ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиву норасоиҳои ҷузъӣ низ ба чашм мерасанд, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқ хеле муфиданд:

1. Дар муқаддимаи автореферат тавсифи умумии кор ниҳоят мухтасар оварда шудааст, ки он ба бозбинӣ ниёз дорад.
2. Дар боби сеюми диссертатсия мебоист аз ҷониби муҳаққиқ калимаҳои муқобилмаъно ба ду гурӯҳ ҷудо мешуд: мутазоди луғавӣ ва матнӣ ва онҳо бо овардани далелҳо шарҳ дода мешуд.
3. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои имлоиву грамматикӣ ва услубӣ ба назар мерасад: саҳифаҳои 1, 5, 16, 23 ва ғ.

Дар маҷмуъ, норасоиҳои номбаршуда ба ҳеҷ ваҷҳ аҳаммияти таҳқиқоти анҷомдодашударо халалдор намесозанд, зеро онҳо хусусияти

таҳририю ислоҳшавандагӣ доранд ва ба мазмуну мухтавои диссертатсия ва дастовардҳои илмии муҳаққиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Автореферати диссертатсия (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ), осори илмиву мақолаҳои дар ин замина нашркардаи диссертант мазмуну мухтавои диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос ва ифода мекунанд.

Тавре ки аз феҳрасти таълифоти Мансурова Моҳчеҳра Абдусаломовна бармеояд, ӯ доир ба мавзуи таҳқиқотии худ 8 номгӯйи корҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ нашр намудааст, ки 4-тои он дар мачаллаҳои тақризшавандаи КОА-и ҶТ ба табъ расидаанд.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

Таҳқиқоти мавриди назар ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дарачаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Мансурова Моҳчеҳра Абдусаломовна сазовори дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

Доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забонҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов **Шафоатов Азал Нусратович**

Тасдиқ мекунам:
Сардори Шуъбаи кадрҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов **Деҳқонова З. Б.**

Суроғa: 734053, ш. Душанбе, маҳаллаи Лучоб-53, тел. 224-73-77; факс 224 56 87.
E-mail: mehrpaivand@inbox.ru.

“ 12 ” 12 соли 2022